АМОНАТБОНК

Амонатбонк дар нимсолаи аввали соли 2024 ба зиёда аз 16 ҳазор корхонаю ташкилотњо, зиёда аз 836 ҳазор нафар нафақагирони мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, зиёда аз 2,4 млн. нафар амонатгузорон тавассути 75 филиал ва 548 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо шумораи зиёда аз 3000 нафар кормандон дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ хизматрасонӣ намуда истодааст.

Дороиҳои Бонк маблағи 7,9 млрд. сомонӣ ва уҳдадориҳои Бонк 7 млрд. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2023 мутаносибан 20,9% ва 21,4% зиёд мебошанд.

Пардохтпазирии Бонк дар сатҳи зарурї нигоҳ дошта шуда, маблағҳо сари вақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шуданд.

Сармояи Бонк ба 919,1 млн. сомонӣ расид, ки дар муќоиса ба њамин давраи соли 2023 17,3% афзоиш ёфтааст.

Фоидаи софи Бонк 69,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба њамин давраи соли гузашта 20,4% зиёд мебошад.

Бонк аз рўи фаъолияти худ 50,7 млн. сомонї андозу пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлатї пардохт намудааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2023 21,4% зиёд мебошад.

Дар иртибот ба Фармони Президенти Љумњурии Тољикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирњои вусъат додани њисоббаробаркунии

ғайринақдӣ” Бонк инфрасохтори заруриро дар нозиротњои андоз ва филиалњою марказњои хизматрасонии бонкї дар тамоми љумњурӣ фароњам овардааст.

Аз љумла, љињати ба роњ мондани пардохти њамаи андозњо, бољњои давлатӣ ва намудњои дигари хизматрасонии давлатӣ, Амонатбонк ба њолати имрӯза дар маљмуъ 1081 адад постерминалњоро дар тамоми филиалҳо, марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва нозиротҳои андоз фаъол намудааст.

Дар ташкилоту муассисањои давлатӣ ва дар бахши хусусӣ 3 870 адад постерминалњо насб карда шудааст.

Љињати хизматрасонии саривақтӣ ба мизољон, ба миқдори зиёда аз 580 њазор адад кортњои беноми “Фарогир” интишор гардида, ба филиалњо дастрас карда шудааст.

Барномаи мобилии Бонк “Амонат-мобайл” қабули пардохтњои њатмї ва њамгироиро бо иқтидорњои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ таъмин менамояд. Шумораи умумии истифодабарандагони барномаи мазкур зиёда аз 990 њазор нафарро ташкил медињад.

Дар замимабарномаи мобилии Бонк “Амонат-мобайл” мутобиқати технологии хизматрасонињои Кумитаи андоз, Вазорати корњои дохилӣ, Вазорати тандурустї, Вазорати молия, Вазорати маориф, Хадамоти гумрук ва дигар мақомотњои давлатӣ анљом дода шудаанд.

Иловатан, барои анљом додани хизматрасонињои ғайринақдӣ дар сањифаи расмии Амонатбонк равзанаи алоњида мавриди истифода қарор дорад.

Ба њолати имрўза дар бахши хусусӣ 1 196 адад ва дар муассисањои давлатї 1560 адад QR-рамзи ягонаи Бонки миллии Тољикистон насб гардидааст, ки дар маљмуъ 2 756 ададро ташкил менамоянд.

Амонатбонк бо Кумитаи андоз, низоми пардохти ҳушманд, Вазорати корњои дохилӣ, Хадамоти гумрук, Вазорати мењнат ва шуѓли ањолӣ, ШСХК "Барќи тољик" ва Муассисаи гармидињӣ њамгироии низомњои иттилоотиро ровњандозї намуда, бо Вазорати маориф ва илм, Вазорати корњои хориљӣ, Вазорати тандурустӣ, Вазорати адлия, Вазорати мудофиа, Агентии омор, Агентии беҳдошти замин, КВД Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар ташкилотњои давлатӣ њамкории зичро дар самти њамоњангсозӣ ва мутобиќнамоии барномавии бизнес-равандњо тавассути воситањои электронӣ ба роњ мондааст.

Љињати васеъ намудани шабакаи хизматрасонињои ѓайринаќдӣ, аз тарафи мутахассисони Бонк API-протокол барои њамгирої бо низомњои иттилоотии дигар ташкилотњои ќарзӣ тањия ва татбиќ шуда, дар асоси он имрўзњо 24 ташкилоти ќарзӣ дар замимабарномањои худ хизматрасонињои давлатиро анљом медињанд.

Барои назорати равандњои марбут ба љараёни њисоббаробаркунињои ѓайринаќдӣ тавассути воситањои электронӣ (постерминалњо), дуруст коркард ва дар низоми иттилоотии бонкӣ (НАБ) сабт намудани амалиётњои анљомёфта ва њамчунин ташкил намудани равзанаи њамгирої бо вазорату идорањо, барномаи нав тарњрезӣ ва мавриди истифода ќарор дода шудааст. Вазорату идорањо ва ташкилотњои давлатӣ "Утоќи шахсӣ"-ро истифода бурда, тамоми пардохтњои ба

манфиати онњо ќабулшударо дар рељаи онлайн назорат менамоянд.

Дар дидбонгоњњои гумрукӣ дар шањру ноњияњои Турсунзода, Панљакент, Љайҳун, Ашт, Конибодом, Мастчоњ ва Спитамен нуќтаи ќабули маблағњо фаъолият намуда истодааст.

Пайвасткунии бомароми ташкилоту муассисањои давлатӣ ба интернетбонкинг роњандозӣ шуда, то имрўз зиёда аз 15 270 адад корхонањо ва ташкилотњои љумњурӣ ба он пайваст карда шудаанд.

Таблиѓу ташвиќи хизматрасонињои њисоббаробаркунии ѓайринаќдӣ тавассути воситањои ахбори оммаи кишвар ва сањифањои Бонк дар шабакањои иљтимоии “Фейсбук”, “Инстаграм”, “Телеграм” ва сомонаи расмӣ www.amonatbonk.tj ба роњ монда шудааст.

Бонк дар маљмўъ бо 8 384 корхонаву ташкилотҳои буҷетӣ ва ѓайрибуҷетӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ њамкориро ба роҳ мондааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2023 289 адад зиёд мебошад.

Шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкї ба 2,2 млн. нафар расидааст, ки нисбат ба њамин давраи соли гузашта 26% афзоиш ёфтааст.

Теъдоди банкоматњои насбшуда дар Бонк ба 376 адад ва постерминалњо ба 4 951 адад расонида шудааст. Дар нимсолаи якуми соли 2024 банкоматҳои Амонатбонк бо маблаѓи зиёда аз 3,4 миллиард сомонӣ таъмин карда шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (зиёда аз 3,1 миллиард сомонӣ) ба маблаѓи 315 миллион сомонӣ ва ё 10% афзоиш ёфтааст.

Дар натиља гардиши умумии њисоббаробаркунињои байнибонкї дар дохили ҷумњурӣ 101,4 млрд. сомонӣ ва

њисоббаробаркунињои байналхалқї тавассути њисобњои корреспондентӣ бо ифодаи умумӣ 2,1 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медињад. Аз љумла, гардишњо тавассути кортњои пардохтии бонкӣ 14,1 млрд. сомониро ташкил намудааст, ки дар муќоиса ба њамин давраи соли 2023 95,5% зиёд мебошад.

Филиалњои Бонк зиёда аз 1,8 млрд. сомонї маблағњои коммуналиро аз ањолї ќабул намуданд, ки нисбат ба њамин давраи соли гузашта 20,3% зиёд мебошад.

Бақияи амонатњои шахсони њуќуќї ва воќеӣ зиёда аз 5,8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба њамин давраи соли 2023 19,7% афзоиш ёфтааст.

Фоизҳои ба аҳолӣ пардохтнамудаи Бонк 39,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ба сатњи даромади ањолї ва њамзамон баланд гардидани сатњи некўањволии онњо мусоидат намуда истодааст.

Бонк дар 6 моњи соли 2024 аз њисоби захирањои дохилию хориљї ба зиёда аз 31 њазор муштарӣ 956 млн. сомонї маблағҳои қарзї пешниҳод намудааст.

Ќарзњои додашудаи Бонк ба соњањои саноат 8,9%, кишоварзї 29%, истеъмолї 41,9%, сохтмон 4,5%, тиљорат 14,4%, наќлиёт 0,3% ва хизматрасонї 1,0% рост меояд.

Бонк иќдомњои ќарзњои имтиёзнокро тањти унвони «Баҳор-2024», “Кишоварз”, «Автоқарз», «Занњои муваффаќ», инчунин «Қарзҳои ипотекї»-ро роњандозї намудааст.

Дар иртибот ба дастуру супоришњои Пешвои муаззами миллат дар Паёми навбатї, Бонк сиёсати ќарздињии худро таљдид намуда, ба соњањои афзалиятнок имтиёзњо фароњам овард. Аз хумла, фоизи қарзњо ба соњаи сохтмон 4 банди фоизї (20%), ба соњањои саноат (18%),

кишоварзї (19%), тиҷорат (22%) ва қарзњои ипотекї (харид ва сохтмони манзил 18% ва харидории амволњои Бонк 14%) 2 банди фоизї ва қарзњои овердрафтї (20%) 1 банди фоизї паст карда шуданд.

Дар марњилаи кунунї пешнињоди ќарзњои Амонатбонк ба муштариён дар доираи аз 10 то 24 фоизи солона бо пули миллї ва аз 7 то 12 фоизи солона бо асъори хориљї муайян карда шудааст.

Сандуќи ќарзии Бонк 2,4 млрд. сомонї ва шумораи ќарзгирон аз рўи баќия зиёда аз 68 њазор нафарро ташкил медињад, ки нисбат ба њамин давраи соли 2023 њаљми сандуќи ќарзї 21% афзудааст.

Аз њисоби љалби сармояи мустаќим, аз љумла хатти ќарзии бо Бонки миллии фаъолияти иќтисоди хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти маблағгузории савдо дар ҳаҷми 33 млн. доллари ИМА хати ќарзї кушода шуда, ба 39 ширкати ватанї дар њаљми 15,6 млн.доллари ИМА барои ворид намудани молу мањсулот аз Љумњурии Ўзбекистон қарзи бонкӣ пешниҳод карда шудааст.

Њамчунин, Амонатбонк бо ЉС «KAZAKHEXPORT»-и Ќазоќистон хатти ќарзи аккредитивї ба маблаѓи 23,7 млн. доллари ИМА кушод.

Шумораи марказҳои хизматрасонии Бонк 548 ададро ташкил медињад, ки аз он 277 адад вобаста ба зичии ањолї ба шафати шоњроњњо ва марказњои савдою хизматрасонї кўчонида шуданд.

Фаъолияти 32 адад хазинаҳои бегоњї ва шабонарўзии Бонк, ки дар шаҳрҳои калонтарини ҷумҳурӣ амал мекунанд, пурзўр карда шуд.

Дар саридораи Бонк маркази тамос фаъол аст, ки муштариён метавонанд бо раќами кутоњкардашудаи

“1885” барои њалли мушкилоти худ ба Бонк муроҷиат намоянд.

Шумораи бонувон дар Бонк ба 1 454 нафар расонида шуд, ки 48%-и шумораи умумии кормандони соњибтахассусро ташкил медињанд.

Дар раванди татбиќи корњои хайру савоб, Бонк дар нимсолаи якуми соли 2024 ба “Мактаб-интернати №5 барои кўдакони имконияташон мањдуд”-и шањри Душанбе ба маблаѓи 124,6 њазор сомонї маводњои хоҷагидорӣ ва хўрока  дастрас намуд.

Дар маҷмуъ кӯмакњои расонидашуда аз ҷониби Бонк дар соли њисоботї маблаѓи 340,1 ҳазор  сомониро ташкил медињад.

Маълумоти муфассалро оид ба фаъолияти КВД БА ҶТ «Амонатбонк» метавонед дар сомонаи Бонк www.amonatbonk.tj  дастрас намоед.